"ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ"
Ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" доктори илмҳои таърих, профессор
____________________Усмонзода А.И.
22.12. 2023с.

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи муштараки кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраи педагогика ва психологияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" омода шудааст.

Мансурова Д.Қ. дар давраи омодагии рисола ба сифати унвонҷӯи кафедраи педагогикаи ва психологияи томактабии факултети психология ва тахилоти томактабии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" фаъолият бурдааст.

Шаҳодатнома доир ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (минимум) таҳти №798 аз 15.06.2023 2023 аз тарафи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Ҷаласаи муштарак баъди баррасии муфассали диссертатсияи унвонҷӯ Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна ба хулосаи зерин омад:

- Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон”таҳқикоти комилу анҷомёфтаи илмест, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

Диссертант дар таҳияи рисолаи номзадӣ оид ба муҳтавои илмии он қайд намудааст, ки масъалаҳои ташаккул ва инкишофи қобилияти эҷодии шахс ба эҷоди хусусияти зехнидошта дар нимаи дуюми асри XIX мавриди таваҷҷуҳи олимон карор гирифта, яке аз мавзӯъҳои асосии таҳқиқоти равоншиносони ватаниву хориҷӣ шудааст.

Фаъолият ва нерӯе, ки шахс дар фаъолияти муайян нишон медиҳад, хоҳиши ӯро барои ифодаи берунии қобилият ва истеъдоди худ, таваҷҷуҳи ӯро ба рушди минбаъда, таваҷҷуҳи бемаҳдуд ба олами атроф, хоҳиши саҳмгузорӣ дар дигаргунсозии сифатии он ифода мекунад.

Метавон таъкид кард, танҳо шахсе, ки аз ҷониби дигарон дарк карда мешавад, бехатарии худро ҳис мекунад ва бо хоҳиши зоҳир кардани шахсияти худ ба худифодакунӣ қодир аст.

Аҳамият ва зарурати ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои хонандагон муайян мекунанд, қобилияти ташаккул додани раванди мустақилонаи ҷустуҷӯ, гузаронидани таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалиёти гуногун барои коркард, ба низом даровардан, ҷамъбасткунӣ ва ба кор бурдани маълумоти бадастовардаи худи толибилм кайд карда мешавад.

Муассисаи томактабӣ бояд ба талабагон имконият фароҳам оварад, ки ихтироъ кардан ва гузаронидани тадкикот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд, пас зарур аст мураббӣ-омӯзгор бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои сохтани фазои инфиродии таълимӣ талош варзад..

Вобаста ба ин, масъалаи ташаккули шароитҳои ташкилию педагогӣ ва модели ташаккул ва баҳодиҳии салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии бачагони синни томактабии калонсол дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуда, аҳамияти тадқиқоти мазкурро муайян мекунад.

Мавзуи таҳқиқотии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна як бахши умумии нақшаи фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии кафедраи педагогика ва

психологияи томактабии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” маҳсуб ёфта, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Муносибати ҷиддӣ ва таваҷҷуҳи масъулиятшиносонаи унвонҷӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда имкон додааст, ки ӯ диссертатсияро дар меҳвари талабот ва меъёрҳои тасдиқгардида, мувофиқи шиносномаи ихтисоси ихтисоси 13.00.06-Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) таҳия намудааст. Зеро тарҳрезии мақсадноки нақшаи сохтории диссертатсия ва хулосаву натиҷаҳои аз таҳлилу озмоишҳои бадастомада баёнгар ва далели ин гуфтаҳо мебошад.

Афзун бар ин, диссертатсия дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳои появии фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ ва сарчашмаҳои асили осори олимони шинохтаи ватаниву хориҷӣ ва дигар рисолаҳои таҳқиқӣ навишта шудааст.

Дар диссертатсия унвонҷӯ асосҳои назарӣ ва методологии мавзуъро хуб муайян намуда, бо роҳи таҳлили педагогӣ – психологии марҳилавии мафҳумҳои «салоҳияти эҷодию маърифатӣ», «мустақилияти эҷодию маърифатӣ», «эҷодкорӣ» - ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Инчунин бо истифодаи муваффақонаи методҳои илмӣ роҳҳои таҳияи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ, ки ба рушди ҳамаҷонибаи синни омодагӣ ба мактаб асос ёфтааст ва нақши созанда дорад, пешниҳод ва коркард шудааст.

Нуқтаҳои асосӣ, хулосаву натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодгардида муайян мекунад, ки кори таълиму тарбия бо бачагон яке аз захираҳои асосии такмили салоҳияти маърифатию эҷодии онҳост. Бояд қайд кард, ки нақши муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шароити кунунӣ меафзояд.Маҳз фаъолияти таҳсилотӣ ва иҷтимоию фарҳангии онҳо барои дар оянда ба андозаи ҳадди аксар ошкор шудани қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии кӯдак замина мегузорад. Муҳити таҳсилоти томактабӣ ин иборат аз таҳсилоти шахсии ҷанбаи эҷодидошта мебошад, ки бачагон онро дар шароити интихоби озод ва дар вақти фориғ аз машғулиятҳои асосии худ азхуд мекунанд.

**Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии навовариҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** таҳқиқоти пешниҳодшуда фарогири ғояҳои инсонгароёнаи педагогикаи муосир; равишҳои фалсафӣ нисбат ба инсон ҳамчун арзиши олӣ; принсипҳои таърихӣ, детерминизм ва воқеъбинии илмӣ; як силсила андешаҳои илмӣ дар бораи қонуниятҳои фаъолияти эҷодӣ аз нуқтаи

назари тарбия, таълим ва иҷтимоисозии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ; татбиқи равишҳои антропологӣ, аксиологӣ, шахсиятӣ, системавӣ, фаъолиятӣ, полисубъективӣ нисбат ба раванди таҳсилот мебошад.

Дар баробари ин, муқаррароти назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаълаи масъалаи рушди таҳсилот дақиқ намудааст, то дар ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои хонандагон муайян мекунанд, қобилияти ташаккул додани раванди мустақилонаи ҷустуҷӯ, гузаронидани таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалиёти гуногун барои коркард, ба низом даровардан, ҷамъбасткунӣ ва ба кор бурдани маълумоти бадастовардаи худи толибилм қайд карда мешавад.

Муассисаи томактабӣ бояд ба талабагон имконият фароҳам оварад, ки ихтироъ кардан ва гузаронидани тадқиқот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд, пас зарур аст мураббӣ-омӯзгор бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои сохтани фазои инфиродии таълимӣ талош варзад.

Вобаста ба ин, масъалаи ташаккули шароитҳои ташкилию педагогӣ ва модели ташаккул ва баҳодиҳии салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии бачагони синни томактабии калонсол дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуда, аҳамияти тадқиқоти мазкурро муайян мекунад.

Дар натиҷа, ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва падару модарон дар таълиму тарбияи насли наврас, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзишу таҳқиқи муаммоҳои рушди фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ машғуланд, дар раванди пажуҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** батуфайли заминаи муосири методологӣ ва назариявӣ, омӯзиши рушди системаи таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати кунунии он, истифодаи равишҳо ва принсипҳои умумипедагогӣ, муқарраргардида таъмин гардид, ки натиҷаҳои ба даст овардашуда, дар корбурди доираи васеи методҳои таҳқиқот якдигарро пурра мекунанд.

**Арзиши диссертатсия:** моҳият вазарурати ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ ҳам ба ниёзҳои ҷомеаи муосир ва ҳам ба инсонгаросозии соҳаи таҳсилот вобаста аст, ки дар он кӯдак арзиши калидӣ ба ҳисоб меравад ва ҳадафи асосии таҳсилот ба ҳадди аксар расонидани ошкорсозии иктидори эҷодӣ ва зеҳнии кӯдак аст, то як одами хурдсол тавонад худро минбаъд дар шароити кунунӣ пурра амалӣ намояд.

Ин тамоюл дар таҳқиқоти сершумори илмии олимону муҳаккиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккули маърифативу эҷодии шахсият, аз он ҷумла шахсияти бачагони синни томактабӣ бахшида шудаанд, тасдиқи худро ёфтааст.

Ғояҳои асосии таҳқикот, инчунин натиҷаҳои илмии он дар 16 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ҷумла чор мақола дар нашрияҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба табъ расидаанд.

**I. Мақолаҳои дар маҷаллаҳо (нашрияҳо)-и тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишорёфта:**

[1-М] Мансурова Д.Қ. Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун омили асосии инкиҳофи фикрии насли наврас./Мансурова Д.Қ.// [Матн]- Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф, силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ ,№ 4 (32), 2020,- С.134-138, ISSN 2617-5620

[2-М] Мансурова Д.Қ. Формирование у дошкольников учебных универсальных действий креативно позновательного характера. /Мансурова Д.Қ.// [Матн]- Номаи донишгоҳ,силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, № 4(69), 2020, -С.154-160, ISSN 2077-4990

[3-М] Мансурова Д.Қ. Ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ./Мансурова Д.Қ.// [Матн]- Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ, №4(36), 2021, -С.69-74, ISSN 2222-9809

[4-М] Мансурова Д.Қ. Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ./Мансурова Д.Қ.// [Матн]- Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон№4(45), 2022, -С.83-91 ISSN 2222-9809(ҳаммуаллиф Сабурӣ Х.М.)

**II. Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо нашршуда:**

[4-М] Мансурова Д.Қ. Технологияҳои инноватсионӣ дар низоми кори тарбияи мактаб чун воситаи баландкунии хонандагон. /Мансурова Д.Қ. -Дар пайроҳаи илм” Хуҷанд: Саломат бошед. 2018 –С. 10-13

[5-М] Мансурова Д.Қ. Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим . /Мансурова Д.Қ.- Маводи конфренсияи илмӣ-амалии вилоятии “Масъалаҳои инкишофи қобилияти маърифатии кӯдакон” (Хуҷанд, 5-уми декабри 2019)-Хуҷанд: Саломат бошед. 2019-С. 25-28

[6-М] Мансурова Д.Қ. Сабаби сар задани рафторҳои агрессивӣ дар синну соли наврасӣ . /Мансурова Д.Қ.-Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон, (қисми 2)Хуҷанд: Нури маърифат. 2021-С. 211-214

[7-М] Мансурова Д.Қ. Рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ . /Мансурова Д.Қ.- Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон, (қисми 3)Хуҷанд: Нури маърифат. 2022-С. 150-152

[8-М] Мансурова Д.Қ. Асосҳои назариявии фаъолияти маърифатию эҷодии кӯдакон . /Мансурова Д.Қ.- Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон”, (қисми 3)Хуҷанд: Нури маърифат.2022-С. 152-154

[9-М] Мансурова Д.Қ. Шароитҳои ташкилию педагогӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакон . /Мансурова Д.Қ.- Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон”, (қисми 3)Хуҷанд: Нури маърифат.2022-С. 154-156

[10-М] Мансурова Д.Қ. Нақши муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ . /Мансурова Д.Қ.- Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон”, (қисми 3)Хуҷанд: Нури маърифат.2022-С. 8-11(ҳаммуаллиф Сабурӣ Х.М.)

[11-М] Мансурова Д.Қ. Таъсири бозиҳои таълимӣ дар камолоти зеҳнии томактабиён . /Мансурова Д.Қ.- Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо. (Хуҷанд, 10 марти 2022)-Хуҷанд:Нури маърифат. 2022-С. 12-15

[12-М] Мансурова Д.Қ. Нақши оила дар ташаккули малакаҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар кӯдакони синни томактабӣ . /Мансурова Д.Қ.- Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо. (Хуҷанд, 12 марти 2022)-Хуҷанд: Нури маърифат. 2022-С.16-19

[13-М] Мансурова Д.Қ. Омилҳои бозмонии инкишофи зеҳнии кӯдак. /Мансурова Д.Қ.- Технологияҳои рушди таълиму тарбия дар шароити таҳсилоти фарогир(инклюзивӣ)"(қисми2)-Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. "Меъроҷ", 2022-С.65-69. (ҳаммуаллиф Ғоибов К.Ш)

[14-М] Мансурова Д.Қ. Педагогические условия формирования познавательно-творческих компетенций детей. /Мансурова Д.Қ.- Материалы научно-практической конференции "Фундаментальные и прикладные научные исследования в современном мире. г.Уфа, 14 февраля 2023, "НИЦ Вестник Науки".- С.265-270.

[15-М] Мансурова Д.Қ. Основные факторы развития творческо-познавательных компетенций детей. /Мансурова Д.Қ.- Материалы научно-практической конференции "Фундаментальные и прикладные научные исследования в современном мире. г.Алматы, 20 февраля 2023, "НИЦ Вестник Науки" С.65-69

Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" кори илмии ба анҷорасидаи тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсияонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ аст.

Дар маҷмуъ ҷаласаи муштараки кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" рисолаи илмии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновнаро дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мусбӣ арзёбӣ менамояд.

Хулосаи мазкур аз ҷониби ташхисгар номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҳмонов З.П. мураттаб гардида, дар ҷаласаи муштараки кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва дар асоси қарори суратҷаласаи №5 аз 14.12.2023 қабул ва тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 29 нафар.

**“Тарафдор”** 29нафар
**“Зид”** нест
**“Бетараф”** нест
Қарои бо як овоз қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи педагогика ва психологияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
н.и.п., дотсент Луфов М.Т.

**Ташхисгар:**
Дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
н.и.п., дотсент Раҳмонов З.П.

Котиби ҷаласа:
сармуаллима Раҷабова З.Б.

Имзоҳои н.и.п., дотсентон Луфов М.Т, Раҳмонов З.П.ва сармуаллима Раҷабова З.Б. -ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ-и МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э.М.

РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС